ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ҚАРОРИ**
**РАИСИ НОҲИЯИ ШОҲМАНСУР**

№ 44 аз 18.02 соли 2021

Дар бораи тасдиқ намудани Нархномаҳои «Тарифҳои хизматрасонии партовбарорӣ, идоракуниву хизматрасонии фонди манзил» дар ноҳияи Шоҳмансур.

Бо мақсади беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ дар соҳаи хизматрасониҳои коммуналӣ ва бо назардошти арзиши сӯзишвории дизелӣ ва равғанҳои молиданӣ, инчунин дар мӯҳлатҳои муқарраргардида баргардонидани қарзҳои бонки Аврупоии таҷдиду рушд, иҷрои фармоиши шуъбаи ҳадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе аз 3 феврали соли 2021 №8 «Дар бораи тасдиқ намудани Нархномаҳои №П-01, №П-02, №П-03, №П-04 «Тарифҳои хизматрасонии партовбарорӣ, идоракуниву хизматрасонии фонди манзил дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе», ва партовқабулкуниву безараргардонии партовҳо дар корхонаи воҳиди давлатии «Партовгоҳи партовҳои сахти маишии шаҳри Душанбе», мутобиқи моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ».

**ҚАРОР МЕКУНАМ:**

1. Нархномаҳои хизматрасонии баровардани партовҳои сахти маишӣ тарифҳои хизматрасонии фонди манзил аз 1 марти соли 2021 бо тариқи зерин тасдиқ карда шавад:

Тарифҳои хизматрасонии баровардани партовҳои сахти маишӣ барои истифодабарандагон дар КВД «Наклиёти махсуси партовҳои сахти маишӣ»-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе

Қисми 1. Хизматрасонии баровардани партовҳои сахти маишӣ

| № | Номгӯи истифодабарандагон | Тариф бо назардошти андоз аз арзиши иловашуда бо сомонӣ |
|---|---|---|
| 1 | Барои як истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе дар 1 моҳ | |
| | дар хонаҳои ободи бо қубурҳои ахлотпарто таҷҳизонидашуда (9-16 ошёна) | 3,50 |
| | дар хонаҳои ободи бе қубури ахлотпарто | 2,90 |
| | дар ҳавлиҳои шахсӣ барои 1 нафар | 4,20 |
| | дар ҳавлиҳои ободнашуда барои 1 нафар | 4,00 |
| 2 | барои муассисаҳои буҷетӣ барои 1 м³ | 39,20 |
| 3 | барои ташкилоту корхонаҳои тиҷоратӣ барои 1 м³ | 48,80 |

Қисми 2. Хизматрасонии идоракунии фонди манзил

1) Хонаҳои истиқоматӣ бо таъмини шахтаҳои партовпартоӣ барои 1м² масоҳати умум – 0,1694 сомонӣ (16,94 дирам).

2) Хонаҳои истиқоматӣ бе таъмини шахтаҳои партовпартоӣ ва бе истифодаи лифт барои 1м² масоҳати умум – 0,1364 сомонӣ (13,64 дирам).

3) Хонаҳои истиқоматӣ бе таъмини ободонӣ (баракшакл) барои 1м² масоҳати умум – 0,1364 сомонӣ (13,64 дирам)

2. Корхонаи воҳиди давлатии «Нақлиёти махсуси партовҳои сахти маишӣ»-и ноҳия, сардорони Муассисаҳои истифодабарии манзилхо, кооперативҳои соҳибмулкони манзил дар асоси шартномаҳои тарафайн ба амал баровардани маблағҳои хизматрасонии баровардани партовҳои сахти маишӣ, хизматрасонии фонди манзилро, мувофиқи тартиби муқарраргардида таъмин намоянд.

3. Қарори раиси ноҳия аз 22 апрели соли 2019, №140 «Дар бораи тасдиқ намудани тарифҳои хизматрасониҳои партовбарорӣ, идоракуниву хизматрасонии фонди манзил дар ноҳияи Шоҳмансур» аз эътибор беоварда шавад.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини Раиси ноҳия Қаюмав Т. гузошта шавад.

Билол Иброҳим